**ХУЛОСАИ**

комиссияи экспертии Шӯрои диссертатсионии 6D. КОА – 018 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон оид ба диссертатсияи Раҳмонзода Абдулло Қурбоналӣ дар мавзӯи «Масъалаҳои асосии ҳуқуқи моликияти коммуналӣ», кӣ барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 – Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ пешниҳод шудааст.

1. Мутобиқи тақсимоти маъмурию ҳудудӣ қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон ба 3 вилоят – ВМКБ, қисми шарқии ҷумҳурӣ, бо 8 воҳиди маъмурию ҳудудӣ, вилояти Суғд, қисми шимолии ҷумҳурӣ, бо 18 воҳиди маъмурию ҳудудӣ, вилояти Хатлон, қисми ҷанубии ҷумҳурӣ, бо 25 воҳиди маъмурию ҳудудӣ, шаҳри Душанбе, пойтахти ҷумҳурӣ, ки аз 4 ноҳия иборат мебошад, шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ (бо 13 воҳиди маъмурию ҳудудӣ) ва 427 ҷамоатҳои шаҳрак ва деҳот тақсим шудааст. Ҳамаи онҳо субъектони ҳуқуқи маданӣ буда, дорои молу мулки алоҳида мебошанд, вале самаранокии фаъолияти хоҷагидории онҳо ҳамчун молик назаррас нест. Онҳо то ҳол аз ҳисоби буҷети ҷумҳуриявӣ маблағгузорӣ карда мешаванд, худидоракунии маҳаллӣ наметавонад ба аҳолӣ дастрас будани хизматрасониҳои хушсифатро таъмин намояд. Чунин ҳолат талаботи рӯзафзуни иҷтимоӣ ва иқтисодии ҷомеаро пурра қонеъ гардонида наметавонад ва бинобар ин ислоҳоти идораи давлатиро мехоҳад.

Ҷумҳурии Тоҷикистон давлати соҳибихтиёр, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва ягона мебошад. Риояи ин арзишҳои бунёдӣ дар нисбати моликияти давлатӣ таъсири худро расонидаанд. Демократӣ будани Ҷумҳурии Тоҷикистон тақозо мекунад, ки воҳиди маъмурию ҳудудӣ ваколатҳои соҳибӣ, истифода ва ихтиёрдории молу мулки худро мақсаднок амалӣ намоянд, ташаббускор ва мустақил бошанд. Моликияти давлатӣ тибқи принсипи ду сатҳона ба вуҷуд омада (ҷумҳуриявӣ ва коммуналӣ), бинобар ин дар ҳалли масъалаҳои дорои

аҳамияти маҳаллӣ ва хизматрасониҳои коммуналӣ нақши мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ бояд асосӣ бошад. Чунин ҳолат тақозо менамояд, ки ҳамаи сатҳҳои ҳокимияти давлатӣ ва худидоракунии маҳаллӣ бояд ҷиҳати иҷрои дахлдори уҳдадориҳои худ дорои маблағҳои мутаносиб ва мустақилияти иқтисодӣ бошанд. Тибқи принсипҳои: «маблағ ва моликият баъд аз фароҳам овардани вазифаҳо» ва «бисёрсатҳии моликияти давлатӣ» Ҷумҳурии Тоҷикистон ва воҳиди маъмурию ҳудудӣ бо дарназардошти зарурати фароҳам овардани шароити мусоид барои рушди инсон, ҷомеа ва давлат молу мулки худро доранд.

Назарияи бисёршаклии моликияти давлатӣ дар модаҳои 1, 7, 12, 13 ва 77 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар м. боби 4 «Асосҳои иқтисодӣ ва молиявии фаъолияти мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ» (м. 24–34) Қонуни конститутсионии ҶТ «Дар бораи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ» ва дигар санадҳои меъёрӣ – ҳуқуқии соҳавӣ эътироф шудааст ва амалияи татбиқи он тадқиқоти махсуси илмиро тақозо менамояд. Бинобар ин, таҳқиқоти илмии масъалаҳои асосии ҳуқуқи моликияти коммуналӣ дар ҳуқуқи граждании Тоҷикистон падидаи инноватсионӣ мебошад. Натиҷаҳои асосии илмӣ ба рушди минбаъдаи ҳуқуқи маданӣ ва такмили механизми танзими ҳуқуқии он мусоидат мекунад.

2. Диссертатсия ба талаботҳои бандҳои 31 ва 33 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 – юми июни соли 2021, № 267 тасдиқ шудааст, мутобиқат дорад. Диссертатсия кори илмӣ – тахассусии анҷомёфта буда, аз ҷониби унвонҷӯй мустақилона таҳияшуда, сатҳи навгонӣ ва дар шароити ҷумҳурӣ татбиқшаванда буданро дорад. Натиҷа ва нуқтаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳодшуда метавонанд дар назарияи ҳуқуқи гражданӣ, такмили қонунгузорӣ ва раванди таълим дар муассисаҳои таҳсилоти олии ҳуқуқшиносӣ ба таври васеъ истифода шаванд, ки онҳо саҳми шахсии унвонҷӯйро нишон медиҳанд.

3. Мавзӯъ ва мазмуни таҳқиқоти мазкур ба Шиносномаи ихтисоси 12. 00. 03 – Ҳуқуқи граждани̣; ҳуқуқи соҳибкори̣; ҳуқуқи оилави̣; ҳуқуқи байналмилалии хусуси̣, ки аз рӯйи он ба Шӯрои диссертатсиони̣ мувофиқи Фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз санаи 7 – уми январи соли 2022, № 16 ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо барои ҳимоя дода шудааст, мувофиқ мебошад.

4. Натиҷаҳои асосии таҳқиқот дар 1 монография ва 6 мақолаҳои илмии дар маҷаллаҳои тақризшаванда ва тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои интишори натиҷаҳои таҳқиқоти мазкур ва дигар мақолаҳо мебошанд. Дар интишорот натиҷаҳои асоси̣, хулосаҳо ва тавсияҳои унвонҷӯй баён шудаанд. Теъдоди маводи чопшуда ба банди 35 Тартиби додани дараҷаҳои илми̣, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 – юми июни соли 2021, № 267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад.

5. Дар таҳқиқоти диссертатсионии Раҳмонзода А.Қ., истифодаи мавод бидуни иқтибос ба муаллиф ё маъхаз мавҷуд набуда, ҳамаи сарчашмаҳои истифодашуда бо ишора ба муаллиф ё маъхаз тавассути иқтибос ба расмият даровард шудаанд, ки аз риоя шудани банди Тартиби додани дараҷаҳои илми̣ гувоҳи̣ медиҳад.

6. Дар диссертатсия ва дигар ҳуҷҷатҳои пешниҳоднамудаи унвонҷӯй маълумоти ғайрисаҳеҳ, аз ҷумла дар бораи корҳои аз ҷониби ӯ чопгардида, мавҷуд намебошад.

Банди 61 – уми Низомномаи Шӯрои диссертатсиониро, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 – юми июни соли 2021, № 267 тасдиқ шудааст, ба роҳбари̣ гирифта,

Комиссия пешниҳод менамояд:

1. Диссертатсияи номзадии Раҳмонзода Абдулло Қурбонали̣ дар мавзӯи «Масъалаҳои асосии ҳуқуқи моликияти коммунали̣», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиноси̣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 – Ҳуқуқи граждани̣; ҳуқуқи соҳибкори̣; ҳуқуқи оилави̣; ҳуқуқи байналмилалии хусуси̣, ки ба Шӯрои диссертатсионии 6D. КОА – 018

назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон пешниҳод шудааст, барои ҳимоя қабул карда шавад.

2. Муқарризони расмӣ аз рӯйи диссертатсия шахсони зерин таъин карда шаванд:

-Исмоилов Шавкат Маҳмудович- доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессори кафедраи ҳуқуқи иқтисодӣ, молиявӣ ва зиддикорупсионии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон;

- Сидиқов Дилшод Аҳрорович – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи ҳуқуқи граждании факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи (Славянии) Россия ва Тоҷикистон.

3. Ба ҳайси муассисаи пешбар муассисаи давлатии таҳсилоти олии касбии «Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон» таъин карда шавад.

4. Барои нашри эълон оид ба ҳимояи минбаъда ва ҷойгир намудани автореферат дар сомонаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис иҷозат дода шавад.

6. Санаи ҳимоя 04 июли соли 2023 соати 14:00 таъин карда шавад.

**Раиси комиссия:**

доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор
аъзои Шӯрои диссертатсионӣ: Ғаюрзода Ш.К.

**Аъзои комиссия:**

доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор,
аъзои Шӯрои диссертатсионӣ: Муртазозода Ҷ.С.

доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор,
аъзои Шӯрои диссертатсионӣ: Қурбонов Қ.

«24» **апрели 2023**